«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ________________**
**аз «03» 06 соли 2025**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Айюбзода Азим Шокир унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Айюбзода Азим Шокир соли 2013 ба ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ»-и факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, шуъбаи рӯзона дохил шуда, онро соли 2018 бо дипломи аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» дохил шуда, соли 2020 зинаи мазкурро бо дипломи аъло хатм кардааст.

Аз соли 2018 то ба ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Мавсуф аз 8 декабри соли 2023 ҳамчун муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-и факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2021, №01-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 20 декабри соли 2024, №505-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, саратмаҷлиси №7 (20-21) таҳти унвони «Масъалаҳои шартномаи фурӯши бинои истиқоматӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардида буд. Баъдан, дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2023, суратмаҷлиси №5 ба номи мавзуи рисолаи илмӣ тағйирот ворид шуда, он таҳти унвони «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз нав тасдиқ карда шуд.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонализода Н.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. Дар асоси қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2023, суратҷаласаи №5, роҳбари илмии унвонҷӯ аз номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримзода Ш. ба зиммаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. гузашт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 20 майи соли 2025, №54 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 28 майи соли 2025, №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи

гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Нақши ҳуқуқи маданӣ дар татбиқи ҳадафҳои миллии стратегӣ» омода ва иҷро гардидааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 1 воситаи таълимӣ ва 10 мақолаҳои илмӣ интишор шудаанд, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр гардидаанд. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Таҳқиқоти мазкур дорои арзиши илмӣ ва амалӣ буда, хулоса ва натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бавуҷудомада, метавонанд барои ҳалли мушкилоти назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ кумакрасон бошанд.

Зимнан, натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили қонунгузории маданӣ ва манзил дар Тоҷикистон муфид буда, истифодаи васеи онҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, таҷрибаи судӣ, мақомоти нотариалӣ ва бақайдгирии давлатӣ заминагузориро баҳри рафъи мушкилот дар ин соҳа ба вуҷуд меоранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Аҳамияти амалии таҳқиқотро метавон дар раванди таълим, хусусан ҳангоми тадриси фанҳои таълимии «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи манзил» ва «Ҳуқуқи оилавӣ», курси махсуси «Ҳуқуқи шартномавӣ», инчунин ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими

ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мубрам ба ҳисоб рафта, дар ривоҷи илми ҳуқуқи маданӣ ва манзил аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навоварии илмии диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки нахустин маротиба дар илми ҳуқуқи мадании ватанӣ таҳқиқи мукаммали диссертатсионӣ оид ба мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯшу манзили истиқоматӣ анҷом дода шудааст. Дар рисола паҳлуҳои гуногуни шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар он меъёрҳои қонунгузорӣ шарҳу тавзеҳ дода шуда, таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар таносуб ва муқоиса бо қонунгузории миллӣ таҳлил гардида, барои мукаммалгардонии қонунгузории дахлдор пешниҳодҳо манзур гардидааст. Пажуҳиши суратгирифта дар инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ метавонад саҳми муҳим ва мондагор дошта бошад. Масалан:

1. Истилоҳи «манзил» дар қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчун мафҳуми умумӣ истифода гардида, дарбаргирандаи фазои муайян, манзили истиқоматӣ, хонаи истиқоматӣ, хона дар бинои бисёрхонагӣ, бинои истиқоматӣ ва ҳамчунин биноҳое ки барои истиқомати муваққатӣ пешбинӣ шудаанд (бӯстонсароҳо, ҳуҷра дар меҳмонхона, беморхона, осоишгоҳ ва ғ.) мебошад. Ин фаҳмиши васеъ ҳама гуна муҳити алоҳидаи зисти инсонро дар бар мегирад. Ҳарчанд дар қонунгузорӣ мафҳуми «манзили истиқоматӣ» (манзил ба маънои маҳдуд) бо маҷмуи аломатҳои тавсифкунандаи шакли он пешбинӣ шуда бошад ҳам, он ба талаботи илмию назарӣ ва амалии мафҳуми мураккаби мазкур ҷавобгӯ намебошад. Ба ин маъно, таърифи муаллифии мафҳуми мазкур чунин пешниҳод мешавад:

«Манзили истиқоматӣ як қисми алоҳида ва инфиродии объекти сохтмони асосӣ (бино ё иншоот) мебошад, ки ба талаботи санитарию гигиенӣ, техникӣ ва дигар талаботи муқарраркардаи қонунгузорӣ ҷавобгӯ буда, бо инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ таъмин аст, танҳо барои истиқомати доимии шахсони воқеӣ пешбинӣ шуда, дорои нишонаҳои мувофиқ барои зиндагии бехатару шоиста мебошад, ки дар амалӣ шудани ҳуқуқи конститутсионии инсон ба манзил ва дигар ҳуқуқҳои марбут ба ҳаёти шахсӣ мусоидат менамояд».

Зимнан, бояд ба инобат гирифт, ки ин фаҳмиши маҳдуди «манзили истиқоматӣ» буда, танҳо онро ҳамчун объект тавсиф медиҳад ва барои мақсадҳои мушаххаси қонунгузории манзил (барои ворид намудан ба

фонди манзил, идоракунӣ ва ғайра) ва маданӣ (барои муомилот, аз ҷумла хариду фурӯш, на ҳифзи ҳаматарафаи он) мувофиқ мебошад.

2. Тибқи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ фурӯшанда (молик ё шахси дигари ваколатдор) ӯҳдадор мешавад манзили истиқоматии барои зисти доимӣ мувофиқ ва тибқи тартиби муқарраршуда бақайдгирифташударо ба моликияти харидор бо шарту нархи мувофиқашуда супорад ва харидор ӯҳдадор мешавад, ки манзили истиқоматиро мувофиқи санади супоридан қабул намуда, маблағи онро пардохт намояд. Шартнома танҳо нисбати объекте баста мешавад, ки ба талаботи ҳуқуқӣ нисбат ба манзили истиқоматӣ ҷавобгӯ буда, ҳуқуқи моликият ба он ба таври ҳатмӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад. Мафҳуми мазкур метавонад дар назария (илм) ва амалия, аз ҷумла зимни таҳия ва такмили қонунгузорӣ, тартиби додани шартномаҳо ва ҳалли баҳсҳои судӣ истифода бурда шавад.

3. Манзили истиқоматӣ ҳамчун мавзуи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дорои як қатор аломатҳои ҳатмӣ мебошад. Манзили истиқоматӣ ин объекти хосси молу мулки ғайриманқул мебошад, қисми сохтории ҷудогонаи бино (ё тамоми бино) буда, барои иқомати доимии шахсони воқеӣ таъин ва воқеан муносиб мебошад, ба талаботи меъёрҳои санитарӣ, сохтмонӣ, зиддисӯхтор ва ғайра, ки қонунгузор муайян кардааст, ҷавобгӯ буда, аз маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ озод аст, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони сеюм (аз ҷумла истиқоматкунандагон ва ноболиғон)-ро поймол накарда, ҳуқуқи моликият ба он бояд ҳатман ба қайди давлатӣ гирифта шуда бошад. Аломатҳои мазкур аз аломатҳои асосии манзили истиқоматӣ ҳамчун мавзуи шартномаи хариду фурӯш ба шумор рафта, чун маҳаки таснифотӣ барои ҷудо намудани манзили истиқоматӣ аз дигар молу мулки ғайриманқул хизмат менамояд.

4. Бастани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ аз ҷониби тарафҳо, зарурати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони дигарро ба миён меорад. Ин категорияи шахсон ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

а) ашхосе, ки ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро бо иваз шудани молики манзили истиқоматӣ аз даст медиҳанд;

б) ашхосе, ки ҳуқуқи онҳо оид ба истифодабарии манзили истиқоматӣ ҳангоми иваз шудани молик боқӣ мемонад.

Ба категорияи аввал аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ, ки ҳуқуқи истифодабарияшон танҳо аз далели аъзои оилаи молик будан бармеояд дохил мешаванд.

Ҳуқуқи истифодабарии манзили истиқоматии категорияи дуввум аз дигар далелҳо, ба монанди супориши васиятгузор (легат), шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ, шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ

ва амсоли инҳо пайдо шуда, ҳангоми розӣ будани харидор барои бастани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ҳуқуқи маҳдуди ашёии ин категорияи истифодабарандагон нисбат ба манзили истиқоматӣ боқӣ мемонад. Розигии харидор барои анҷом додани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматие, ки дорои гаронии ҳуқуқи ин истифодабарандагон мебошад, ҳамчун кафолати риояи ҳуқуқи маҳдуди ашёии онҳо дар нисбати манзили истиқоматӣ баромад менамояд.

Ҳамзамон, пешниҳод мегардад, ки дар қонунгузорӣ номгӯйи ҳолатҳое, ки шахсони дигар баъди иваз шудани молики манзили истиқоматӣ низ ҳуқуқи истифодаи онро нигоҳ медоранд, ба таври возеҳ дар қонунгузорӣ нишон дода шавад.

Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 1 воситаи таълимӣ ва 10 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, чоп шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 17 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Ҷураев, А.Ш. Хусусиятҳои шартномаи фурӯши бинои истиқоматӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №2 (34). – С. 134-140; ISSN 2307-5198.

2. Ҷураев, А.Ш. Хариду фурӯши ҳисса ба манзили истиқоматӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №3 (43). – С. 88-95; ISSN 2307-5198.

3. Ҷураев, А.Ш. Шартҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 1 (33). – С. 165-181. ISSN 2414-9217.

4. Каримзода, Ш., Ҷураев, А.Ш. Ҷавобгарии ҳуқуқии мадании тарафҳои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ [Матн] / Ш. Каримзода, А.Ш. Ҷураев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 1 (37). – С. 231-244. ISSN 2414-9217.

5. Қурбонализода Н.Ш., Айюбзода А.Ш. Баъзе масъалаҳои тарафҳои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, А.Ш. Айюбзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2025. – №2 (50). – С. 106-115; ISSN 2307-5198.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

6. Ҷураев, А.Ш. Ҳуқуқ ба манзил – яке аз ҳуқуқҳои асосӣ-мадании шаҳрванд [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 223-231.

7. Ҷураев, А.Ш. Асосҳои конститутсионии ҳуқуқ ба манзил ва танзими мушаххаси он он дар қонунгузории маданӣ ва манзил [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ахбори суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №3-4. − С. 41-47.

8. Ҷураев, А.Ш. Мафҳум ва аломатҳои манзили истиқоматӣ мувофиқи қонунгузории ҶТ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 411-417.

9. Ҷураев, А.Ш. Хариду фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба манзили истиқоматӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Кодекси мадании нав: масъалаҳои назариявӣ. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (16 июни соли 2023) /. – Душанбе: 2024. – С. 170-182.

10. Ҷураев, А.Ш. Шакли шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶТ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 243-251.

**III. Воситаи таълимӣ:**

11. Ҷураев, А.Ш. Ҳуқуқи граждани, қисми 1 (дар нақшаҳо). Воситаи таълимӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи

гражданӣ, профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: ҶДММ “НУШБОД”, 2021.–168с. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Саидов Ҳ.М., Ғаюрзода Б.Ш.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Дисертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 28 майи соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар.

Суратмаҷлиси №10 аз 28-уми майи соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.ҳ., профессор: Ғаюрзода Ш.К.
**Котиби ҷаласа:**
ассистенти кафедра Ҳакимов Я.Б.

**Имзои Ш.К. Ғаюрзода ва Я.Б. Ҳакимовро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
«28» 05 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, Факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj